ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК
БОБОҶОН ҒАФУРОВ

735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, тел: +992 (3422) 6-52-73. Факс: +992 (3422) 6-75-18, Вебсайт www.hgu.ti. E-mail: rector@hgu.tj

«Тасдиқ менамоям»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров»
__________ Ҷуразода Ҷ.Ҳ.
«17» 09 соли 2021

**Тақризи муассисаи пешбар**

ба кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13. 00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия)

Дар замони муосир масъалаи низоми таълимро ҳамқадами замон гардонида, барои ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид намудани таҳсилоти миллӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми кишвар пайваста кӯшиш менамоянд, ки тадбирҳо андешанд. Консепсияи мактаби миллӣ вобаста ба талаботи замон ва рушди илму техника ба системаи таълим тағйироти ҷиддӣ ворид намуд. Дар шароити кунунӣ масъалаи амалигардонии инкишофи ҳаматарафаи шахсияти хонандагон, рушди қобилияти дар амалия истифодашаванда торафт мубрамият пайдо менамояд.

Дигаргунсозии таълим натанҳо аз нав дида баромадани мазмун, инчунин, навсозии мақсадҳо, истифодаи муносибатҳои нав, методҳо ва технологияро талаб дорад.

Бинобар ин, таҳсилоти умумӣ, аз он ҷумла, таълими химия бояд тарбияи шахсияти фаъол ва созандаро ба роҳ монда, дар шуури хонандагон эҳсоси худогоҳии миллӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, ноил шудан ба дастовардҳои илми химия мусоидат мекунад, парвариш ва саҳм бигирад.

Илми педагогика ва методикаи таълими химия ба таври доимӣ дар кӯшиши дарёфти методҳо ва усулҳои таълими фан, баланд бардоштани сифати дониши химиявии хонандагон, рушди маҳорату малакаҳои иҷрои корҳои амалӣ ва истифодаи онҳо дар ҳаёт мебошанд. Таҷрибаҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки агар омӯзгорон дар баробари дар машғулиятҳо истифода бурдани усулҳои фаъоли таълим, инчунин, майлу рағбат ва идроки хонандагонро ҷоннок накунанд, ҳавасмандиро ташаккул надиҳанд ба натиҷаҳои зарурӣ соҳиб шудан хеле мушкил аст.

Ҳавасмандӣ - ин ҳиссиёти баланди зеҳнӣ, муносибати системавӣ ва таҳсил, хурсандӣ, ҳайрат, талаботи ботинӣ ба донишҳои химиявӣ ва замонавӣ, майлу рағбат, талаботи мустақилона аз худ намудани донишҳо, маҳоратҳо, ташаббускорӣ ва мустақилияти маърифатӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Аз ҳамин лиҳоз, мавзӯи пешкашнамудаи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович рӯзмара ва муҳим ҳисобида шуда, як қатор ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расонида шудааст, ба монанди:

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи тарбия, «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва зарурияти рушди фанҳои табиатшиносиро тасдиқ менамояд. Тибқи нақшаи «Стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф» яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ҳисобида шуда, барои бунёди намунаи миллии бисёрзинагии таҳсилоти босифат, ҳамгироии ягонаи ҷаҳонии

таҳсилот, таъмини эҳиёҷоти инсон ва талаботи шахсият ба дарёфти донишу ҳунар ва маълумоти мутассил тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст.

Чи тавре ки Уроқов М.Д. дар рисолаи худ баён менамояд, ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ-образи ояндаи ӯ, аломат ё нишона барои аз худ кардан ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, муносибати методҳои таълим ва тарбия муносибате мебошад, ки ба пурзӯр намудани хусусияти амалии тамоми таҳсилоти мактабӣ (аз ҷумла таҳсили фаннӣ) равона гардида аст.

Рисолаи Уроқов М.Д. муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаҳои бобҳо дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаро дар бар мегирад.

Аз тарафи Уроқов М.Д. дар муқаддима оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии мушкилот, объект, мавзуъ ва ҳадаф, фарзия, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ карда шудааст.

Боби аввали рисола «Ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии истифодаи методҳои таълим ва тарбия дар ҷараёни омӯзиши химия» ном дошта, аз чор зербоб: зербоби якум «Асосҳои назариявӣ ва методологии методҳои таълиму тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар методикаи таълими химия», зербоби дуюм «Истифодаи босалоҳияти имконияти методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия», зербоби сеюм «Нақши методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим дар ҳалли босалоҳияти вазифаҳои тарбиявӣ», зербоби чорум «Фаъолгардонии ҷанбаҳои тарбиявии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар ҷараёни таълими босалоҳияти химия»-ро дар бар мегирад.

Муаллиф ҳангоми баррасии боби аввали зербоби аввал оид ба масъалаи муносибат ба методҳои таълим ва зарурати тағйири он диққати асосиро ба ҷорӣ намудани методҳои таълиму тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ба соҳаи маориф равона кардааст. Дар зербоби аввал рисоланавис Уроқов М.Д дуруст қайд намудааст, ки методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ талабот ба омодагии таҳсилотӣ мебошад, ки бо маҷмуи самтгирӣ, дониш, маҳорат, малака, таҷрибаи ба ҳам алоқаманди хонанда нисбат ба доираи муайяни объектҳои воқеияти реалӣ, ки барои амалигардонии фаъолияти пурмаҳсули дорой аҳамияти шахсиятӣ ва иҷтимоӣ заруранд, ифода меёбад.

Методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ барои хонанда - образи оянда ба аз худ кардани дониш ба ҳисоб меравад. Ин методҳо элементҳои фаннию фаъолиятии маълумоти умумиро инъикос мекунанд ва бояд ба ӯ маҷмӯан ноил гардидан ба мақсадро таъмин намоянд. Ҳангоми ба роҳ мондани методҳои таълим ва тарбия дар натиҷаи таълим истифодаи дониши хонандагон ба тарзи ҳамгироӣ дар ҳаёт вусъат меёбад ва барои такмил ёфтани сифати таълим мусоидат менамояд.

Инчунин, вазифаи асосии омӯзгор ин интихоби самаранокии методҳои таълим буда, мақсади асосии он барои беҳтар ба роҳ мондани таълим, тарбия ва рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон равона карда мешавад. Ҳар як методро бояд самаранок истифода намуд, ки онҳо вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагонро таъмин менамоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки кадом методе бошад, бояд ҳамаи вазифаро иҷро намояд, ба шарте ки дуруст мазмунан вобаста ба синну соли хонанда мувофиқ интихоб карда шуда, на дар ҷудоӣ, балки дар ҳамбастагии методҳои тарбия ва таълим истифода карда шаванд.

Дар зербоби дуюм «Истифодаи босалоҳияти имконияти методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими

фанни химия» ба омӯзгорон, ки методҳои босалоҳият ташкил намудани раванди тарбиявие, ки дар мактабҳо истифода бурда мешаванд, барои ҳавасманд кардани хонандагон оид ба муайян намудани нуктаи назари маърифатии худ ва тайёр будан ба худмуайянкунии ҳаётӣ нокифоя мебошанд. Чи дидактика ва чи назарияи тарбия тасдиқ мекунанд, ки дар интихобу якҷояшавии методҳое, ки дар таълим ва тарбия истифода мешаванд, муносибати маҷмӯӣ шарти зарурӣ мебошад.

Фикри омӯзгорони химия пурра ба навиштаҷоти ин масъала дар адабиёти методӣ мувофиқат менамояд ва онҳоро мо метавонем ҳангоми муайян кардани методи анъанавӣ ҳамчун иштирокчии мушаххас ба асос гирем. Дар кори тарбиявӣ ва дар дарсҳои химия мо методи анъанавиро вобаста ба қувваи методҳои бовариҳосилкунӣ (эътиқод) ҳикоя, лексия, корҳои фаҳмондадиҳӣ, шарҳдиҳиро низ истифода мебарем. Аммо ин гурӯҳ методҳо ба таври доимӣ машқ карданро талаб менамояд, ки ба он аслан, дохил мешаванд: мусобиқа, ҳавасманд кардан. Дар қисмати методҳои ғайрианъанавӣ лозим меояд, фикри ҷамъиятро ҷой диҳем, ки ин аз тағйироти на он қадар хурд нисбат ба муносибат ба ҷамъият гувоҳӣ медиҳад. Дар бораи истифодабарии методи боваркунонӣ бошад супоришҳои таълимӣ, корҳои амалӣ, маълумоти мушаххас оварда шудааст.

Дар боби дуюми зербоби аввал таҳти унвони «Тавсифи ҳамбастагии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар раванди таълими химия» барои асоснок намудани зарурати ташкил кардани системаи ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дида баромадани ин система ва усулҳои амалӣ намудани он ба мо зарур омад, ки таҳқиқоти солҳои охирро таҳлил намоем. Технологияҳои истифодаи методҳои таълимро дар вариантҳои гуногун тавсия медиҳанд. Тасаввуроти системавӣ дар бораи методҳои тарбия дар раванди таълим, оид ба роҳҳои ба ҳам пайвастани методҳои таълим ва тарбия дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҳозиразамон корҳои

таҳқиқотӣ қариб дида намешаванд.

Системаи педагогии ҳозира (гузашта)-ро таҳлил намуда, мо кӯшиш намудем, ки «таркиби методии» онро муайян намоем. Системаи педагогӣ тасдиқ менамояд, ки шахс бо ҷузъҳо тарбия карда намешавад, балки бо маҷмӯи таъсирҳо тайёр карда мешавад ва дар системаи таълиму тарбия бошад «методи намунаи шахсӣ» истифода мешавад.

Дар зербоби дуюм «Татбиқи амалии системаи методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар раванди омӯзиши химия» ҳангоми татбиқи амали системаи ба нақша гирифташуда на танҳо омилҳои таълим, тарбия ва рушди хонанда, таъсири иҷтимоӣ-генӣ (педагогӣ), балки таҷрибаи ҷамъшуда ва сифатҳои ташаккулдиҳанда (омилҳои психологогенӣ) бояд ба роҳбарӣ гирифта шаванд. Ҳамаи ин омилҳоро мо дар вақти амалӣ намудани система дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар раванди таълими химия ба назар гирифтем.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот ба интихоби методҳо бо назардошти ҳамкории тафаккури бадеӣ ва мантиқӣ дар дарсҳои химия такя намудем ва ҳисоб менамоем, ки ин мушкилот арзанда буда, омӯзгорони фаннӣ ба он бояд эътибори ҷиддӣ диҳанд. Пай дар пай иваз кардани методҳои таълим ва тарбия бо назардошти ҳарду нимкураҳои мағзи сар ба таълими самаранок ва рафти мусбии раванди тарбия мусоидат менамояд.

Дар боби сеюми зербоби аввали рисола, ки «Натиҷаи таҳқиқот дар давраи муқарраркунии озмоиши педагогӣ» мебошад, барои озмоиш ҳолатҳои назариявии пешниҳод кардашуда ва тасдиқи тавсияҳои педагогӣ таҳқиқи озмоишӣ-методӣ гузаронида шуд. Мақсади асосии таҳқиқот аз муайян намудани усули самаранокии ҳамбастагии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ва тарбия ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълимӣ дар шароити гузаронидани дарсҳои озмоишӣ аз фанни химия иборат буд.

Ҳангоми санҷиши самарабахши методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ба ҳисоб гирифтани нишондодҳои аввалин таъсири онҳо ба сифати дониши хонандагон хеле муфид аст. Боиси баҳс нест, агар истифодаи маҷмӯи муайяни методҳо сифати донишро баланд бардоранд, дар ин ҳолат методҳо дуруст интихобшуда ба ҳисоб меравад ва барои татбиқ дар амалияи муассисаҳои таълимӣ сазовор мешаванд. Дар системаи методӣ мо аттестатсияи муваффақиятноки хонандагонро ба шароити нави раванди таълим вобаста ба тарзҳои гуногуни методҳо ба нақша гирифтем, ки ба интихоби меъёри робитавӣ вобастагӣ дорад. Як сабаби интихоби меъёрҳои номбаркардашуда, имконияти аниқ дидан ва боварӣ ҳосил кардан гардид, ки вазифаҳои таълимӣ баробар ба нақшагирӣ бо равандҳои тарбиявӣ дар дарсҳои химия нисбатан натиҷанок ҳал карда шаванд.

Дар зербоби дуюм «Озмоиши ташаккулдиҳии дараҷаи азхудкунӣ» оид ба ташаккулдиҳӣ, санҷиши муваффақиятнокӣ аз худ кардани хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дониш ва маҳорат оид ба химияи органикӣ дар раванди амалӣ намудани системаи ҳамбастагии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ва тарбия диққати бештар дода мешавад. Барои муайян кардани дараҷаи азхудкунии дониш баъди ҳар як мавзӯи асосӣ кори назоратӣ гузаронида шуд. Дар ин фасл натиҷаи давраи ташаккулдиҳии таҷрибаи педагогӣ, муқоисаи натиҷаҳо дар аввал ва дар охири озмоиш маълумот дода мешавад.

Дар раванди таъсиррасонии педагогӣ, ки хусусияти ташаккулдиҳӣ дошт, мақсад гузошта шуд: самаранокии истифодаи системаи ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар асоси интихоби ба нақша гирифташуда бо роҳи омезиш ба якдигар пурра истифода карда шавад.

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда тавассути 16 ҷадвал, 10 нақша ва расм баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар хулосаи умумӣ муҳимтарин тавсияҳо баён гардидаанд:

1. Имконият ҳои истифодаи методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ва тарбия дар раванди таълиму тарбия, методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия дар таълими химия ва методикаи таълими химия пурра дида баромада нашудааст ва таҳқиқи фаъолро талаб дорад.

2. Системаи муваффақиятноки дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии тарбия ҳангоми омӯзиши химия дар доираи мавҷудаи раванди таълими химия дохил кардан ва бо шарофати истифодаи муносибати методии ғайрианъанавӣ, ки ба алоқаи зичи методҳо, интихоби дурусти онҳо ҳангоми банақшагирӣ асос ёфтаанд, истифодаи онҳо дар амалияи таълими химия мушкилии зиёдро пеш намеорад.

3. Таҳлили нуктаи назари муаллифони гуногун, асосҳои назариявии проблема дар маҷмӯъ истифода намудани методҳои таълим ва тарбия дар методикаи таълими химия, барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ, ки консепсияи ҳозираи таълим мегузорад, истифода бурдан мумкин аст.

4. Меъёрҳои пешниҳодшударо ба сифати баҳодиҳӣ барои муайян кардани методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ истифода кардан мувофиқи мақсад аст. Интихоби онҳоро бояд ба ихтиёри муаллими фанни химия гузорем, то ин ки худаш шахсан бо назардошти шароити корӣ интихоб намояд.

5. Муваффақиятнокии системаи дар ҳамбастагӣ амалкунии методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии таълим ва тарбия дар омӯзиши химия аз рӯйи ҳама меъёрҳои интихобкардашуда тасдиқ карда шуд. Чандирӣ ва вариантнокии система имкониятҳои дар ҳолатҳои гуногун истифода намудан, аз рӯйи нақшаҳои гуногуни таълимӣ ва тарбиявӣ истифода кардани онҳоро дар таълими химия муайян менамояд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда чунин пешниҳод карда мешавад:

1. Дар асоси таҳлили нуктаи назари муаллифони гуногун, ки дар рафти омӯзиши адабиёти илмӣ муайян карда шуд, асосҳои назариявии проблема дар маҷмӯъ истифода намудани методҳои таълим ва тарбия дар методикаи таълими химия барои муайян намудани иҷрои вазифаҳои таълимӣ, ки консепсияи ҳозираи таълим ва талаботи раванди рушди ҷамъият мегузорад кушода шуд.

2. Системаи истифодаи методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, ки ба самаранок ҳал намудани вазифаҳои дидактикӣ ҳангоми таълими химия таваҷҷуҳ доранд, пешниҳод ва асоснок карда шудаанд. Зарурати мустаҳкам намудани ҷанбаҳои тарбиявии дарсҳои химия ва ба рушди шахсият равона кардаи онҳо пеш омадааст.

3. Муайян намудани моҳияти методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, дар амалия татбиқ намудани системаи дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳо нишон дод, ки роҳи муваффақиятноки ҳамкорӣ ин омезиши онҳо дар асоси интихоб ва банақшагирӣ мебошад. Босифат иҷро намудани вазифаҳои таълимӣ дар раванди таълими химия бо роҳи дар интихоби методҳо риоя намудани чунин шароитҳо муяссар мегардад:

-мақсаднокии фаъолияти якҷояи омӯзгори химия ва хонанда;

-интихоби методҳо дар асоси хосиятҳои хоси синнусолии хонандагон;

-мувофиқати методҳои интихоб кардашуда ба имкониятҳои фардӣ, сатҳи рушди эҷодию методии омӯзгори химия.

4. Ташкили системаи якҷоя амал кардани методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ дар раванди таълими химия аз рӯйи якчанд ҳолати стратегӣ муайян карда мешавад:

-донистан ва азхудкунии озоди методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ;

-маҳорати истифодаи имкониятҳои методҳои таълим ва имкониятҳои таълими методҳои тарбия дар раванди таълими химия;

-банакшагирӣ ва системанокии чунин интихоби шароит, ки муваффакиятнокии омезиши методҳои интихоб кардашударо таъмин менамоянд.

Уроқов М.Д бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ такя намуда, ба мавриди аз маъхазҳои (андешаҳои ё маълумотҳои) зарурӣ иқтибос овардааст.

Бояд зикр кард, ки автореферати Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, асоснок намудани мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, ки мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, мавзуъ ва ҳадаф, фарзия, вазифаи таҳқиқот, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Боиси тазаккур аст, ки аз тарафи рисоланавис вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ 9 адад мақолаҳои илмӣ, ки аз он 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Ҳангоми баррасии диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои назаррас баъзе аз нуктаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасад, ки таъкид ва ислоҳи он боиси баланд шудани сатҳ ва дараҷаи таҳқиқоти оянда мегардад:

1. Дар диссертатсия ва автореферати он аз тарафи диссертант баъзан ба хатогиҳои услубӣ ва имлоӣ роҳ дода шудааст;

2. Дар боби аввали зербоби сеюм иқтибосҳо кам ба назар мерасанд.

Он эродҳое, ки оварда шудаанд, ҷузъӣ буда, ба арзиши диссертатсия таъсире надорад.

Мавриди таъкид аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии рисоланавис арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия, аҳамияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Мувофиқи натиҷаҳои баррасигардидаи диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» таҳқиқоти илмӣ ба охиррасида ҳисобида шуда, ҳаҷм, арзишҳои назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудани дараҷаи унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи таълим ва тарбия (химия)-мувофиқ мебошад.

**Мудири кафедраи химияи умумӣ ва**
**методикаи таълими он, н.и.п., дотсент** **Ахмедова З.С.**

**Котиби ҷаласа, н.и.х., дотсент** **Охунова У.Р.**

Имзои Ахмедова З.С. ва ______________
тасдиқ менамоям: Сардори РК ва КМ-и
МДТ "ДДХ ба номи акаднмик Б. Ғафуров" Ашрапова З.Н.

"17" 09 2021

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Тел: +992 (3422) 6-52-73
Вебсайт: www.hgu.tj
E-mail: rector@hgu.tj